**Такризи роҳбари илмӣ,**

доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Ғаффорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки дар забоншиносии муосир масоили мубрами марбут ба васоити забонии тасвири бадеӣ аз масоили таҳқиқталаби илмӣ ба шумор меравад, ки имрӯзҳо зарурати омӯзиши забон дар робита бо адабиёти бадеӣ ба таври рӯзафзун боло меравад.

Аз ин лиҳоз диссертатсияи Ғаффорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси тарҷумаи осори Садриддин Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст, аз масъалаҳои мубрам ва айнизамонии забоншииносии муосир ба шумор меравад.

Ҳадафи асосии таҳияи диссертатсияи мазкур ба таври бояду шояд аз нигоҳи забоншиносии муосир баррасии илмии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар муқоисаи маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ ва мушаххас намудани заминаҳои назарии забоншиносии муоқисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ дониста мешавад. Дар баробари ин ҳадафи таҳқиқот муайян намудани вижагиҳои корбурд, ифоданокӣ ва хусусияти маъноию сохтории воситаҳои забонии тасвири бадеӣ муаррифӣ мешавад. Ҷанбаи дигари ҳадафи таҳқиқоти мазкур таҳлилу баррасии вижагӣ ва омилҳои корбурд ва ифоданокӣ, хусусияти фарқкунандаи воситаҳои тасвири бадеӣ аз дигар воҳиди забонӣ дониста мешавад.

Навгонии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки диссертатсияи мазкур аз он бармеояд, ки кори диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти мушаххас ва фарогири шаклҳои гуногун воҳидҳои забонӣ ҳамчун воситаҳои забонии тасвири бадеӣ муаррифӣ гардида, чунин воситаҳои тасвири бадеӣ дар асоси маводи муқоисавӣ дар мисоли матни бадеӣ мавриди омӯзиши монографӣ қарор гирифтааст. Метавон қайд намуд, ки дар таҳқиқоти мазкур аввалин маротиба ҷанбаҳои маъноӣ, сохторӣ ва ҳамчунин вижагиҳои услубии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо истифода аз методҳои таҳқиқи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Арзиши назарии таҳқиқот аз он бармеояд, ки диссертатсияи мазкур метавонад аз ҷиҳати ҷанбаҳои назарӣ барои муқоисаи воситаҳои забоншии

тасвири бадей барои марҳилаҳои минбаъдаи илмӣ заминаи асосии назарӣ ва консептуалӣ бошад. Хусусиятҳои назарӣ ва низоми методологии таҳқиқ бо назардошти метод ва равишҳои илмӣ, ки дар таҳқиқоти мазкур нишон дода шудааст, дар рисолаҳои минбаъда метавонад барои таҳқиқоти муқоисавию таърихӣ, муқобалаӣ ва типологии забонҳои гуногуни ба сифати заминаи илмӣ хизмат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои як қатор масъалаҳои забоншиносӣ, махсусан забошиносии муқоисавӣ, қиёсӣ ва забоншиносии назарӣ ҳамчун заминаи таҳқиқоти минбаъда муаррифӣ гардида, баҳри пажуҳишҳои риштаҳои марбут ба луғатшиносӣ, услубшиносӣ ва маъношиносӣ муфид арзёбӣ мешавад.

Арзиш ва моҳияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши фанҳои таълимии риштаҳои забоншиносии умумӣ, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ маводи арзишманд бошанд. Натиҷаҳои бадастомада, инчунин метавонанд ба тарҷумонҳо барои беҳтар намудани сифати кору фаъолияташон мусоидат намоянд, зеро дар диссертатсияи мазкур роҳу усулҳои тарҷумаи мутаносиб ва ҳамоҳанг пешниҳод шудааст. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълим дар мактабҳои олии филологӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад хидмат намояд.

Бо ҳамин тартиб натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсияи Ғаффорова Таҳмина Сатторовна барои равшан намудани вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айнӣ ва ҳамгуниву фарқияти онҳо дар забони англисӣ метавонанд барои таҳқиқотҳои густурдаи соҳавии минбаъда беҳтару бештар мусоидат хоҳад кард.

Вобаста ба мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ бояд таъкид намуд, ки мавзуи таҳқиқ ба шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии унвонҷӯй дар таҳқиқоти мазкур аз он бармеояд, ки то ҳанӯз дар забоншиносии тоҷик масъалаи илмии мазкур матраҳ нашудааст ва дар ин замина муҳаққиқ тавонистааст, ки дар диссертатсия таснифи воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айниро нишон дода ҳамгунӣ ва фарқияти онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо далел ва мисолҳои ҷолиб нишон диҳад ва аз ин лиҳоз ин қисмати таҳқиқ низ аз навовариҳои илмии таҳқиқот ва саҳми шахсии муҳаққиқ дониста мешавад. Ҳамчунин омилҳои мухталифи маъноӣ, услубӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва воситаҳои забонии тасвири бадеии осори Садриддин Айнӣ дар асоси муқоиса бо забони англисӣ аз дастовард ва навовариии назарраси илмӣ ба шумор меравад.

Хулосаву бардоштҳои илмии диссертатсия метавонанд дар улуми забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ, назария ва амалияи тарҷума, матншиносӣ, услубшиносӣ ва адабиётшиносӣ барои анҷоми корҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла дар тарҷумаи осори мансур ва манзуми бадеӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин маводи диссертатсияро барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии назарияи тарҷума, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, назарияи грамматика, назария ва амалияи тарҷума, грамматикаи муқоисавӣ, услубшиносӣ, морфология ва синтаксиси забони англисӣ, таҳияи рисолаҳои илмии марбут ба масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, маъношиносӣ, услубшиносӣ ва амсоли ин истифода бурдан мумкин аст.

Бо ҳамин тартиб унвонҷӯй дар самти таҳқиқоти худ муваффақона ба ҳадафи илмии худ расидааст, ки он омӯзиш ва баррасии вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муаррифӣ мешавад.

Дар ин замина диссертатсияи Ғаффорова Таҳмина дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ба талабот ҷавобгӯй буда, унвонҷӯй сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аст.

Роҳбари илмӣ:
Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филология
_______________ Мухторов Зайнидин Мухторович

04.04.2023.
734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822